Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-O12 - и назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2).

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм

Диссертатсия ба фаслҳои зерини Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография, аз ҷумла бандҳои: 1.1. – Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонунҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; таомули қувваҳои истеҳсолкунанда, шаклҳои иқтисодӣ, методҳои хоҷагидорӣ ва сохторҳои институтсионалӣ; ташаккули сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии (стартегия) - и давлат; қонунмандиҳои ҷаҳонишавии иқтисоди байналмилалӣ ва таъсири он ба фаъолияти низомҳои миллӣ - давлатӣ; 1.4. – назарияи иқтисоди тағйирёбанда ва тағйирёбии низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мутобиқат мекунад.

## 2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Муаллиф қайд менамояд, ки тадқиқу омӯзиши паёмадҳои иҷтимоӣ ва равандҳои иқтисодӣ дар ҳама давру замон бо мақсади дарёфти роҳу воситаҳои қонеъ гардондани талаботи иҷтимоии аъзоёни ҷамъият, ки бе он ҳалли масъалаҳои тараққиёти иқтисодиро таъмин кардан мумкин нест, гузаронида мешуд ва ин раванд ҳамвора давом дорад. Дигаргуниҳое, ки дар ибтидои солҳои 90 - уми асри гузашта дар дохили 15 ҷумҳурии ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ ба амал пайвастанд, ба вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, саноату кишоварзӣ, маорифу тиб ва умуман кулли самтҳои ҳаёти ин кишварҳо таъсири амиқу зарари ҷиддӣ расониданд ва кишвари мо низ аз ин мушкилот берун намонд.

Бояд ба андешаи муаллиф ҳамфикр шуд, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ як қатор кишварҳои собиқи он буҳронеро паси сар карданд, ки на танҳо ба иқтисод, балки ба сиёсат, идеология ва фарҳанги рафтори одамон низ таъсир расонда, табақабандии аъзоёни ҷомеаро ба миён овард. Дорои аҳаммияти иқтисодӣ будан ва ҳамзамон бешак

аҳаммияти иҷтимоию сиёсӣ пайдо кардани адолати иҷтимоӣ дар чандин паёмҳои солонаи Роҳбари давлат таъкид мешаванд.

Вобаста ба ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ самтҳои асосии сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ, дохилию хориҷии ҷумҳуриро махсус ҷудо намуда, қайд карданд ки «Тайи даҳ соли охир, яъне дар давраи татбиқи ду барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар, ки марҳалаҳои фосилавии иҷрои Стратегияи миллии рушд то соли 2030-ро дар бар мегиранд, ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бисёр иқдомоти муҳимму самарабахш амалӣ карда шуданд. Дар натиҷа ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 3,4 баробар зиёд гардида, иқтисоди миллии мо ҳар сол ба ҳисоби миёна 7,6 фоиз афзоиш ёфт» қайд менамояд муаллиф.

Ба ақидаи муаллиф, иқтисоди бозаргонӣ дар фосилаи начандон зиёд ба аксар самту соҳаҳо таъсири амиқ расонида, умуман, ба маҷрои ҳаёти ҷомеа тағйироту дигаргуниҳои зиёдеро ворид сохт. Омӯзишу тадқиқи чунин тағйироту дигаргуниҳои давраи нав аз лиҳози илмӣ мубрамият ва аҳаммияти мавзуи мазкур дониста мешавад, ки натиҷаҳояш метавонанд чандин паҳлуҳои норавшани мавзуи мазкурро возеҳу рӯшан намоянд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Навгонии илмии диссертатсия аз таҳлили маҷмуи таҳаввулоти иқтисоди ҷаҳонӣ ва татбиқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ дар доираи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси бозори меҳнати Тоҷикистон дар самтҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва бозори меҳнат бо роҳи амалҳои инноватсионӣ инъикос меёбад.

Натиҷаҳои асосии илмӣ, ки навгониҳои илмии тадқиқотро аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ тавсиф мекунанд:

1. Муаллиф қайд менамояд, роҳҳои мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ бо назардошти самтҳои корбурди ниҳодҳои марбутаи давлатӣ дар шароити нави дигаргуншавиҳои бозори меҳнат вобаста ба инноватсияи илмӣ ва иқтисодӣ ба ҳадди зарурӣ возеҳ гардиданд;

2. Бояд ба андешаи муаллиф ҳамфикр шуд, ки бо назардошти мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалӣ ва таҳлили сохтории доираи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, ҳамчунин санҷиши таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ,

дараҷаи мувофиқати онҳо ба шароити хоси бозори меҳнати Тоҷикистон ба таври возеҳ ошкор гардид. Дар ин росто, аз ҷониби муаллиф маҷмуи тавсияҳои илман асоснокшуда оид ба татбиқи моделҳои самарабахштарин, ки ба воқеиятҳои институтсионалӣ ва иқтисоди миллӣ созгоранд, пешниҳод гардидааст;

3. Моделсозии дурнамо бо тарҳи нақшаи дарозмуддати банизомоварии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ташаккул дода шуда, самтҳои навсозии механизмҳои танзими давлатӣ муайян гардиданд, қайд менамояд муаллиф, ки моделҳои мазкур ба рушду инкишофи иқтисоди миллӣ мутобиқ гардида, бо талаботи рӯзафзуни бозори меҳнати кишвар дар шароити дигаргуниҳои сохторӣ ҳамоҳанг мебошанд.

4. Ба ақидаи муаллиф, дар доираи баҳисобгирии навсозии институтсионалӣ равандҳои нав ва афзалиятноки механизмҳои бисёрсоҳавии танзими бозори меҳнат ошкор гардиданд. Дар ин васила пешниҳодоти мазкур ба парадигмаи нави сиёсати давлатӣ асос ёфта, ҷанбаҳои стратегии рушди устувори системаи иқтисоди миллиро ба назар мегиранд.

**Нуктаҳои илмӣ ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Муаллиф қайд менамояд, асоснoккунии назариявию методологии механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва такмили чандҷонибаи онҳо дар доираи мутобиқгардонии муносибатҳо ба самтҳои трансформатсионии иқтисоди миллӣ дар доираи тадқиқоти амалӣ, бо далелҳо исбот гардиданд. Дар доираи таҳлилҳои қиёсӣ мутобиқати рӯйкардҳои консептуалии таҷрибаҳои илмию санҷидашудаи байналмилалӣ бо назардошти хусусиятҳои бозори меҳнати кишвар тасдиқи худро ёфтанд.

2. Бояд ба андешаи муаллиф баҳодиҳии институтсионалии танзими давлатӣ дар доираи ҳамоҳангӣ бо омилҳои навсозии низоми бисёрҷанбаи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва талаботи рӯзафзуни бозори дохилии меҳнат муайян шуданд. Мутобиқати барномаҳои татбиқшавандаи давлатӣ ба талаботи бозори меҳнат дар шароити муосир асоснок гардида, имкон фароҳам оварданд, то самаранокии механизмҳои дахолати давлат ба муносибатҳои танзимшавандаи соҳаҳои меҳнат возеҳ гардад.

3. Бо назардошти далелҳои омории даҳ соли охир дар самтҳои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва назарияҳои илмии пешниҳоднамудаи олимони соҳа дар самти бозори меҳнат равандҳои банизомоварии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба таври возеҳ аз тарафи муаллиф муайян карда шуданд.

4. Ба ақидаи муаллиф, нақш ва таъсиргузории бозорҳои меҳнат барои инкишофи равандҳои иҷтимоӣ дар шароити бозори меҳнати дохилӣ аз дидгоҳи илмӣ, бо истифодаи усулҳои қиёсӣ ва баҳододи натиҷаҳои илмӣ дар ҳадди зарурӣ ошкор гардиданд

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Муаллиф қайд менамояд, ки дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот бо истифодаи васеи усулҳо ва методологияи омӯзишу тадқиқи масъалаи зикргардида вобаста ба муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, эътимоднокии маводи илмии дар доираи тадқиқот корбурдшуда, ҳаҷми лозимаи маводи илмӣ ва ин амсол ташкил медиҳанд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳаммияти илмии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар он таҷассум меёбад, ки муаллиф аз натиҷаҳои дар доираи тадқиқи мавзуи диссертатсия бадастомада вобаста ба таҳлилу омӯзиши илмию таҷрибавӣ ва амалию муқоисавии раванди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, пеш аз ҳама танзими давлатии муносибатҳои мазкур дар шароити тағйирёбандаи бозори меҳнат метавонанд ба таври васеъ дар доираи иқтисоди миллӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Инчунин, муаллиф қайд менамояд, ки натиҷаҳои бадастомада ва навигариҳои диссертатсия дар равандҳои мухталифи фаъолияти бозори меҳнат ва дигар самтҳои иқтисоди миллӣ дар сурати таҳия ва қабули ҳуҷҷатҳои дахлдор оид ба муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар шароити Тоҷикистон метавонанд ба таври васеъ корбурд шаванд. Ҳамчунин, маводҳои бадастомадаи тадқиқи мазкур дар доираҳои омӯзиши илмҳои ҷомеашиносӣ, иқтисоди сиёсӣ, илмҳои демографӣ ва ин амсол дар коллеҷҳо, факултаҳои алоҳидаи мактабҳои олии кишвар ва курсҳои бозомӯзӣ низ истифода шуда метавонанд.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ аҳаммияти амалӣ дошта, дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявӣ, симпозиумҳои дохилӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии олимони ҷавони Тоҷикистон (2020-2024) муаррифӣ гардида, хуб пазируфта шудаанд.

**6. Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ**

Сохтори диссертатсия, гузориши мақсад ва мантиқии алоқамандии онҳо тасдиқ мекунанд, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк ва тадқиқ намуда, ҷиҳати мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиётро коркард намудааст.

Кори диссертатсионӣ номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, 9 – то зербоб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқотро дар бар мегирад. Диссертатсия аз 181 саҳифаи чопӣ иборат буда, рӯйхати адабиёт аз 285 номгӯйи сарчашмаҳо иборат аст. Диссертатсия 9 ҷадвал, 5 диаграмма ва 3 расмро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи тадқиқот ва зарурияти таҷдиди банизомоварии робитаҳои бисёрҷанбаи иҷтимоию меҳнатӣ дар марҳилаи муосир бо муқоисаи давраҳои гузашта баррасӣ гардида, ҳамзамон, ҳадафу вазифаҳои рисола, ҷанбаҳои навгонии илмӣ, заминаҳои назариявию амалии таҳқиқот мушаххас шудаанд ва дар ин асос муқаррароти калидие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, инъикос ёфтаанд.

Дар боби якум **«Асосҳои назариявӣ ва методологии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар заминаи рушди иқтисодӣ»** омӯзиш ва шарҳу тавзеҳи масъалаҳои бисёрсамти назариявӣ ва методологии фаъолияти бозори меҳнат, инчунин, хусусиятҳои низомбандии муносибатҳои меҳнатӣ ва роҳҳои такмили онҳо дар шароити таҳкими инноватсияҳои илмию иқтисодӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтааст (саҳ. 16 - 57).

Дар зербоби 1.1 (саҳ. 19) муаллиф зикр менамояд, ки бозори меҳнат ва самтҳои амалкунандаи он аз лиҳози назариявӣ танҳо баамаловаранда ва нигоҳдорандаи механизми мувозинати талабот ба меҳнат ва қувваи корӣ набуда, балки зиёда аз он ниҳоди пешбарандае маҳсуб мeёбанд, ки барои муайянсозии сатҳи зиндагӣ, некуаҳволии аҳолӣ ва адолати иҷтимоӣ нақши муҳим бозида метавонанд.

Дар асоси тадқиқ муаллиф қайд менамояд (саҳ. 22), ки сохтори бозори меҳнат аз рӯйи меъёрҳои гуногун имкон медиҳад, ки сиёсати тафриқа дар бозори меҳнат пеш бурда шавад. Инчунин, дар доираи сохтори бозори меҳнат равандҳои бисёрсатҳаи фарогирии фаъолиятҳои гуногуни меҳнатӣ ва кироя, ки ба кормандони самтҳои мухталиф нигаронида шудаанд, дар ин замина одатан сохтори бозори дугонаи меҳнатро ба вуҷуд меоранд. Дар навбати худ ин падида ба тақсимоти мутаносиби вазифаҳо миёни қувваҳои корӣ ва доираи фаъолиятҳо мусоидат намуда, ҷойгиркунии кадрҳоро дар асоси тахассуси касбиашон кафолат медиҳад.

Ба ақидаи муаллиф, муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар чаҳорчӯбаи бозори меҳнати кишвари мо ҳам нисбат ба ин тарзи муносибатҳо дар замони шуравӣ ва ҳам нисбат ба раванди муносибатҳои зикргардидаи аксар кишварҳои ҷаҳон то андозае фарқ мекунанд. Ин

тафриқа, албатта раванди маъмулист ва хусусиятҳои умумиву алоҳидаи худро дорад. Масалан, ин ҷараён дар давраи нав нисбат ба замони шуравӣ хеле тағйир ёфта, занон ва ҳатто наврасону нафақахӯрон низ новобаста аз синну сол ба ин доираҳои меҳнатӣ шомил гардиданд (саҳ. 32).

Ҳангоми тадқиқ ва омӯзиши ақидаву асарҳои муҳаққиқон маълум гардид, ки дар ҳамаи давраҳои мавҷудияти муносибатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоӣ нақши асосиро пеш аз ҳама корманд ва корфармо (ҷӣ давлатӣ ва ҷӣ хусусӣ) мебозанд, қайд менамояд муаллиф. Аз ин лиҳоз, ба ақидаи муаллиф зери мафҳуми васеи бозори меҳнат низ маҳз ҳамин муносибати тарафайни коргар ва корфармо назардошт карда мешавад, ки муҳимтарину асоситарин омили ин самти ҳаёт мебошад (саҳ. 35 - 36, расми 2.1).

Ба андешаи муаллиф, дар василаи таҳлили методологии мавзуъ барои саҳеҳ баҳо додани назарияҳои илмии доираи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар шароити нави бозори меҳнат бояд ба таври муқоисавӣ 3 равияи аслии методологиро баҳо диҳем (саҳ. 42):

1. Равияи классикӣ (Либерализм): Ин равия ҳам меҳнат ва ҳам самтҳои муносибатҳои бозориро хеле оддӣ қиёс намуда, танзими муносибатҳоро танҳо дар доираи муомилоти қувваи корӣ дар бозор мебинад. Ба ақидаи муаллиф ин равия то андозае куҳна аст ва дар шароити имрӯзаи кишварҳои ҷаҳон дигар дуруст намеояд. Яъне, дар шароити кунунии кишвари мо ин омил сатҳи бекориро боло бурда, боиси норозигии коркарон шуда метавонад;

2. Равияи Кейнсӣ: Мувофиқи нишондоди ин равия дахолати давлат ва ниҳодҳои марбутаи давлатӣ (аз ҷумла мақомоти қонунгузор ва ҳифзи ҳуқуқ) барои ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳавасмандсозии қишри коргару деҳқонон зарурат дорад, ки ин дар шароити кунунӣ барои Тоҷикистон мутобиқ буда метавонад;

3. Консепсияи муосири «Меҳнати шоиста» (ILO/МОТ): Муаллиф қайд менамояд, ки ин равия бештар ба кафолати амнияти иҷтимоии коргарон ва ҳуқуқҳои меҳнатии онҳо нигаронида шуда, дар навбати худ муколамаи иҷтимоиро ба миён меорад ва ҳамвора метавонад асоси методологии такмили сохтори танзим дар кишвари мо бошад.

Дар диссертатсия (саҳ. 48) муаллиф қайд менамояд, ки ҳам неруи зеҳнӣ ва ҳам сармояи инсонӣ дар ҳамбастагӣ боиси тақвият бахшидани бозори меҳнат гардида, сиёсати иқтисодию меҳнатӣ ва иҷтимоии давлатиро пурра месозанд ва ба раванди он афзалият мебахшанд. Дар ин васила, пеш аз ҳама сохторҳои илму маориф ва тандурустӣ ба пешрафту

низоми доираи меҳнат ва шароитҳои он сабаб гардида, аз як тараф захираҳои меҳнатиро дар дохили кишвар тақвият мебахшанд ва аз ҷониби дигар сиёсати демографию иҷтимоии давлатиро рӯшан месозанд. Ин омилҳои муҳим таъсиргузори сармояи инсонӣ маҳсуб меёбанд.

Инчунин, дар кори диссертатсионӣ оид ба моделҳои афзалиятдоштаи инноватсионӣ муаллиф қайд менамояд, ки татбиқ намудани баъзе аз ин моделҳо барои танзими муносибатҳо дар бозори меҳнати кишвари мо низ аҳаммияти калон дошта метавонанд. Дар ин робита, муаллиф зарур мешуморад, ки якчанд моделҳои барои бозори меҳнати Тоҷикистон мусоидро баррасӣ намоем (саҳ. 52 – 53):

а) Модели скандинавиягӣ (Дания, Шветсия). Ба андешаи муаллиф, ин моделро дар илми иқтисод «чандирии амниятӣ» низ меноманд ва мувофиқи нишондоди он корфармо метавонад кормандро бо тартиби соддакардашуда ба кор қабул намояд ё баръакс аз кор озод кунад. Дар чунин ҳолатҳо давлат барои дастгирии корманди бекормонда кумакпулӣ ва бозомӯзии касбиро дар самтҳои инноватсионӣ ташкил мекунад.

б) Модели Осиёи Шарқӣ (Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ). Ба ақидаи муаллиф, ҳарчанд айни замон истифодаи ин модел дар кишвари мо то андозае мураккабиҳо дошта бошад ҳам, бо назардошти ҳолатҳои зудтағйирёбандаи иқтисоди ҷаҳонӣ ва талаботи бозори меҳнат гуфта метавонем, ки истифодаи ин модел дар самти бозори дохилӣ ва доираи иқтисоди миллӣ ногузир аст.

в) Модели Олмон.Ин модел ба низоми «дуалии» омӯзиши тахассус ва касб нигаронида шуда, робитаҳои байни илм, истеҳсолот ва бозори меҳнатро фаро мегирад, қайд менамояд муаллиф.

Дар боби дуюм **«Ҳолати муосир ва самтҳои рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳлили фарогир ва баҳодиҳии раванди таҳаввули иҷтимоиро дар доираи низоми муносибатҳои меҳнатӣ ва омилҳои ба истеҳсолот ва бозори меҳнат таъсиркунанда дар асоси муносибатҳои нави иҷтимоӣ-меҳнатӣ тадқиқ гардида, ҳамзамон ҷанбаҳои татбиқи таҷрибаи байналмилалӣ дар танзими ин соҳа ва имкониятҳои мутобиқсозии он ба воқеиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд (саҳ. 58 - 104).

Дар диссертатсия (саҳ. 62 – 63, диаграммаи 2.2) муаллиф қайд менамояд, ки дар асоси далелҳои вобаста ба тадқиқи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ҷамъоваришуда муайян гардидаанд ва мувофиқи ин нишондиҳандаҳо аз шумораи умумии корҷӯён дар бозорҳои меҳнати дохил ва хориҷи мамлакат, ки бештар дар «иқтисоди соя» ё худ бозорҳои меҳнати ғайрирасмӣ фаъолият мекунанд 41,7 фоизашон дорои

маълумоти умумии пурра (хатмкардаи синфи 10 ё 11) мебошанд. Инчунин, ба андешаи муаллиф, маълумоти бадастомада шаҳодат медиҳанд, ки аксар маврид шахсони бемаълумот ё дорои маълумоти ибтидоии нопурра, ки берун аз қонунгузориҳо мондаанд, бо сабаби надонистани қонунҳои меҳнат ва ҳуқуқҳои худ ба корҳои ғайриқонунӣ ҷалб карда мешаванд. Зеро ин гуна афрод агар аз як тараф қонунҳоро сарфаҳм нараванд, аз тарафи дигар касбу ихтисос ё ҳунари маъмулиеро низ соҳиб нестанд.

Инчунин, дар кори диссертатсионӣ муаллиф қайд менамояд, ки ташаккули бозори меҳнат дар иқтисодиёти Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он бояд ҷузъи таркибии ташаккули механизми бозорӣ бошад ва танзими он бо роҳи рафъи таназзули истеҳсолот, пешгирии бекории оммавӣ ва андешидани тадбирҳо барои ба даст овардани механизми бозорӣ ва баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии аҳолӣ раванд ёбад (саҳ. 88).

Дар зербоби 2.2 – и кори диссертатсионӣ (саҳ. 78 - 79) ҳолати имрӯзаи раванди банизомоварии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва таъсири омилҳои иқтисодӣ ба рушди ин муносибатҳо муаллиф қайд менамояд, ки далелҳои дар доираи тадқиқи мавзуи диссертатсия бадастомада возеҳ муайян месозанд, ки дар давоми ду даҳсолаи охир як қисми зиёди корҷӯёне, ки дар суроғи кор ба ҳайси муҳоҷирони меҳнатӣ ба бозорҳои берунаи меҳнат мепайванданд, асосан ва дар воқеият касбу ҳунарҳои манфиатовару зарурӣ надоранд ва ҳатто, агар тариқи худомӯзӣ ин ё он касбу ҳунарро иҷро карда тавонанд ҳам ҳуҷҷати тасдиққунандаи касбият ё маълумотномаи ҷои хатми касбро доро нестанд. Бе ихтисоси аниқ ё ҳуҷҷати тасдиққунандаи касбият ворид гардидан ба бозори меҳнат ба доираи муносибатҳои меҳнатӣ халали ҷиддӣ ворид карда менавонад, ки дар натиҷа равандҳои иҷтимоӣ низ зарар дида метавонанд.

Дар зербоби 2.3 истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар рушди иқтисоди миллӣ ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқ шуда, муаллиф қайд менамояд, ки доираи мутобиқсозии моделҳои хориҷӣ дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ набояд танҳо аз нусхабардорӣ иборат бошад, балки он бояд, пеш аз ҳама аз «полоиш»-и миллӣ гузашта ҳувияти миллиро инкор насозад. Аз ин рӯ, барои татбиқ намудани ин моделҳо қабл аз ҳама мутобиқсозиҳои институтсионалӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ зарурат доранд, ки дар фаслҳои минбаъда ба онҳо таваҷҷуҳ хоҳем кард (саҳ. 88, ҷадвали 6.2).

Муаллиф дар рафти тадқиқоти худ ба хулосае омадааст, ки бо назардошти омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва мутобиқсозии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон гуфт, ки дар қатори таҷрибаи дигар кишварҳои пешрафта, таҷрибаи хеле муфиди Олмон ва Белгия дар самти кишоварзӣ ва технологияву корбурди дастгоҳҳои замонавии соҳаҳои агросаноатӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифта, дар доираи татбиқи нақшаҳои соҳавӣ нақши муҳим ва самаранок гузошта метавонад (саҳ. 99).

Дар боби сеюм **«Дурнамои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар бозори меҳнат ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллӣ»** - роҳҳои мукаммалсозии тарҳу моделҳои муосири танзими давлатии доираи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар шароити бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули сохтори ҳифзи иҷтимоӣ тавассути механизми шарикии иҷтимоӣ ва баҳодиҳии ҳамаҷонибаи натиҷаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ ва самтҳои такмили банизомоварии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия, асоснок ва пешниҳод шудаанд.

Дар тадқиқот муаллиф зикр кардааст, ки муҳимтарин ҳадафи стратегии давлат дар ин росто барои нигоҳ доштани тавозуни муносиби бозори дохилаи меҳнат нигоҳдории низоми муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба кори мувофиқ ва шароити хуби корӣ таъмин намудани аҳолии бекор арзёбӣ мешавад, ки ин омил метавонад равандҳои муҳоҷирати меҳнатии берунаро коҳиш диҳад. Зеро дар шароити кишвари мо муҳоҷирати меҳнатии беруна ба яке аз падидаҳои мураккаби иқтисодӣ дар муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ табдил ёфтааст (саҳ. 111).

Ба андешаи муаллиф, дар шароити мавҷудаи кишвари мо корфармоёнро бо роҳи пешниҳод намудани қарзҳои имтиёзнок ва субсидияҳо ҳангоми ҷорӣ намудани комёбиҳои пешрафти илму техника аз ҷиҳати татбиқи барномаҳои азнавсозии техникии онҳо ва ё таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва шароити мусоиди меҳнат бо маблағи зиёд ҳавасманд намудан зарур аст (саҳ. 114).

Муаллиф қайд менамояд, ки агар ба танзим овардани муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ аз чандин омилҳо вобастагӣ дошта бошад, пас яке аз омилҳои хеле муҳимми он риояи тартибот дар шарикии стратегӣ дониста мешавад. Омили мазкур дар навбати худ метавонад боиси пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа гардида, ҳамзамон шароитҳои рӯзгори муътадилу шоистаи аҳолиро таъмин намояд, инчунин дарёфти рӯзгори шоистаи аҳолии кишвар маънидод

мегардад. Танҳо дар ҳамон сурат нишондиҳандаи ақрабаки ихтилофҳои бозори меҳнат ба поин майл намуда, ҷомеа пешрафт мегардад ва дар ин васила мо ба ҷомеаи фаъолу мутамаддини сатҳи ҷаҳонӣ расида метавонем (саҳ. 127 – 129, ҷадвали 8.3).

Муаллиф дар рафти тадқиқоти худ ба хулосае омадааст, ки самтҳои такмили банизомоварии муносибатҳои иқтисодӣ, иқтимоӣ - меҳнатӣ ва дар умум доираи муносибатҳои бозори меҳнат дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз омилҳои зиёди илмию таҷрибавӣ ва назариявию амалӣ вобастагӣ дошта, дар навбати худ метавонад барои ташаккул ва танзими ҳамаи самту ҷараёнҳои амалкунандаи доираи муносибатҳои ичтимоӣ-меҳнатӣ дар шароити кишвари мо, бо назардошти талаботи ҷаҳонишавии доираҳои истеҳсолӣ накши бориз ва пурманфиат бозида тавонад (саҳ. 140).

Дар хулосаи диссертатсия аз тарафи муаллиф натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ коркард гардида, тавсияҳо барои истифодаи амалии тадқиқот пешниҳод карда шудааст.

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуктаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Дар боби 1 ҳангоми дида баромадани асосҳои назариявӣ ва методологии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар заминаи рушди иқтисодиёт нуктаи назари кам олимону муҳаққиқони ватанӣ қайд гардидаанд.

2. Кори диссертатсионии ба ҳимоя пешниҳодшуда ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва расмҳоро дорост, вале дар ҳамаи бобҳо ҳангоми таҳияи онҳо бо хатогиҳои техникӣ роҳ дода шудааст, ки ислоҳи онҳо барои дарки бештари маводи мураккаби методӣ ва таҳлилӣ бояд мусоидат мекарданд.

3. Дар бобҳои якум, дуюм ва сеюм аз тарафи муаллифи диссертатсия хулосабарорӣ нашудааст. Яке аз талаботи имрӯзаи дастури нигориши кори илмӣ дар он аст, ки бояд ҳар як боб ва зербоби диссертатсия хулосаи худро дошта бошад.

4. Дар диссертатсия баъзе андешаҳои муаллиф баҳснокaнд, ҳамзамон пайдарпайии мантиқӣ ба таври зарурӣ риоя нагардидааст.

5. Тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсия андозаҳои зерини ҳошияҳо муқаррар карда шудааст: болоӣ ва поёнӣ – 20 мм, чап – 30 мм ва рост – 10 мм.

6. Тартиби таҳияи рӯйхати адабиёти истифодашуда (саҳ. 174 – 195) ба талаботи меъёрӣ ҷавобгӯ нест. Қоидаҳои тартиб ва ҷобаҷогузории

адабиёти истифодашуда пурра риоя карда нашудааст ва таҳрири ҷиддиро талаб мекунад. Тибқи талабот чунин аст: 1. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; 2. Захираҳои электронӣ; 3. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ; 4. Мақолаҳо ва маърӯзаҳо; 5. Диссертатсия ва авторефератҳо; 6. Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия: 6. 1. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА; 6.2. Дар дигар маҷаллаҳои илмӣ ва конфронсҳо.

Таъкид кардан зарур аст, ки эродҳои дар боло зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳаммияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар 10 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳое мебошанд, ки ба рӯйхати маҷаллаҳо ва нашрияҳои пешбари тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, ба нашр расонида шудааст.

**8. Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсия ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Умуман, бояд қайд кард, ки кори диссертатсионии Зарифзода Моҳира Зариф тадқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта мебошад, натиҷаҳои ба даст овардашуда дорои навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалиро дар худ инъикос мекунанд, ки ба ҳалли танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт мусоидат менамоянд.

Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода менамоянд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиётро тараққӣ медиҳанд.

Дар асоси маълумоти дар боло зикршуда хулоса карда мешавад, ки диссертатсия дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба талаботи «Низомнома дар бораи тартиби

додани дараҷа ва унвони илмӣ» - и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Зарифзода Моҳира Зариф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

«12» 08 2026 сол.

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Қурбонзода А.Х.

Нишонии донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

«13» 08 2026 сол.